СУРАТМАҶЛИСИ № 15

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-090-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Иштирок доштанд: аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31-уми январи соли 2025, №45/шд тасдиқ гардида, 8 нафар, ки аз онҳо 4 нафар докторони илм ва 3 нафар номзадони илм мутахассис аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Раисикунанда: Аксарияти аъзои шуро дар ҷаласа ширкат доранд, бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи шуро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи диссертатсияи Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода дар мавзуи «Таърихи таъсис ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

Роҳбари илмӣ: Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ:

- **Раҷабзода Равшан Муҳитдин** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- **Ализода Исмоил Исмон** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш.Душанбе).

Раисикунанда: Тасдиқи рузномаи ҷаласаро ба овоз мемонем, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор – 8 нафар; Муқобил-нест. Бетараф-нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раисикунанда: Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ Қодирзода М.А. доир ба пешниҳоди маълумоти мухтасар дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ дода мешавад.

(Парвандаи атестатсионии №___)

Раисикунанда: Ба котиби шурои диссертатсионӣ савол ҳаст?

Сухан ба давталаб Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода оид ба ироа намудани муҳтавои асосии диссертатсия дода мешавад.

Маҳмудӣ Р.Б.: (Баромад кард).

Раисикунанда: Ба диссертант ки савол дорад? Марҳамат: Назарзода Н.Ҷ., Кенҷаев Ш.Ю., Қаҳоров Н.М. ва Раҳматулоев А.Э.

Маҳмудӣ Р.Б.: Ба саволҳо ҷавоб дод.

Раисикунанда: Ба давталаб боз савоҳо ҳастанд? Савол нест.

Сухан ба роҳбари илмии довталаб Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дода мешавад (тақриз замима мегардад).

Раисикунанда: Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ, Қодирзода М. А., барои қироати хулосаи кафедра, тақризи муассисаи пешбар, тақризҳое, ки ба автореферати диссертатсия пешниҳод шудаанд, дода мешавад.

Котиби шуро қироат кард:

1. Хулосаи кафедра.
2. Тақризи муассисаи пешбар.
3. Тақризҳои воридшуда.

Раисикунанда: Барои ҷавоб додан ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои воридгашта сухан ба давталаб дода мешавад.

Маҳмудӣ Р.Б.: Баромад кард.

Раисикунанда: Сухан ба муқарризи расмии якум **Рачабзода Равшан Муҳитдин -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. (тақриз замима мегардад).

Раисикунанда: Сухан ба давталаб барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии якум дода мешавад.

Маҳмудӣ Р.Б. Баромад кард.

Раисикунанда: Сухан ба муқарризи расмии дуюм: - **Ализода Исмоил Исмон** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт мебошанд. (тақриз замима мегардад).

Раисикунанда: Сухан ба давталаб барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии дуюм дода мешавад.

Маҳмудӣ Р.Б. – баромад кард.

Раисикунанда: Ба мубоҳиса мегузарем. Тибқи Низомномаи шурои аттестатсионӣ (банди 87), сухан ба аъзои шуро - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, дода мешавад. Марҳамат: Назарзода Н.Ҷ., Кенҷазода Ш.Ю., Мирализода И.Қ. ва Раҳматуллоев А.Э.

Раисикунанда: Ки хоҳиши баромад намудан дар муҳокимаи диссертатсия ба ҳайси муқарризи ғайрирасмиро дорад?

Марҳамат сухан ба доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Буризода Э.Б. дода мешавад.

Буризода Э.Б. – баромад кард.

Раисикунанда: Ба давталаб сухани хотимавӣ дода мешавад.

Маҳмудӣ Р.Б.: Баромад кард.

Раисикунанда: Ҳамин тариқ, муҳокимаи диссертатсия анҷом меёбад. Ба расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ интихоби комиссияи ҳисоб зарур аст.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб аъзои зерини шурои диссертатсионӣ пешниҳод шуданд: Назарзода Н.Ҷ., Кенҷаев Ш.Ю. ва Раҳматулоев А.Э.

Дигар пешниҳод нест? Нест. Тасдиқи ҳайати комиссияро ба овоз мемонем. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор аст.

Аз ҳайати комиссияи ҳисоб хоҳиш карда мешавад, ки ба кори худ шуруъ намоянд (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раисикунанда: Барои қироати натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ сухан ба раиси комиссияи ҳисоб доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назарзода Н.Ҷ. дода мешавад.

Назарзода Н.Ҷ.: Суратмаҷлиси комиссияи ҳисобро қироат намуд.

Раисикунанда: Тасдиқи суратмаҷлиси комиссияи ҳисобро ба овоз мемонем. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор.

Ба қабули матни хулоса оид ба диссертатсияи Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода, ки ба аъзои шурои диссертатсионӣ тақсим карда шудааст, мегузарем. Аз ҷониби аъзои шурои диссертатсионӣ ягон эрод, пешниҳод ё илова ҷой доранд?

Раисикунанда: Ки тарафдори қабули хулосаи шурои диссертатсионӣ ҳаст, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Қарор якдилона қабул шуд (Хулосаи шурои диссертатсионӣ замима мегардад).

Раисикунанда: Иҷозат диҳед, қарори шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода қироат намоям.

ҚАРОРИ

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-090-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

08-уми июли соли 2026 ш. Хуҷанд

Таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода дар мавзуи «Таърихи таъсис ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (роҳбари илмӣ: Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон), пешниҳод шудааст, ҳамчунин тақризи муассисаи пешбар «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», тақриз ва баромади муқарризони расмӣ Раҷабзода Равшан Муҳитдин - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ализода Исмоил Исмон – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, баромади аъзои шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назарзода Н.Ҷ., Мирализода И.Қ., номзадони илмҳои ҳуқуқшиносӣ Кенҷаев Ш.Ю., Раҳматуллоев А.Э. ва муқарризи ғайрирасмӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Буризода Э.Б.-ро шунида, муҳокима намуда, шурои диссертатсионии 6D.KOA-090 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби шуро доир ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии натиҷаҳои диссертатсияи Маҳмудӣ Р.Б. инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода дар мавзуи «Таърихи таъсис ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла, «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва бандҳои 31 ва 33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудаанд, мувофиқат мекунад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзода дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Маҳмудӣ Равшан Бобоҷонзодаро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

Хоҳиш менамоем, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 8 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раисикунанда,
муовини раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Шокиров Ғ.А.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Қодирзода М.А.**

08 июли соли 2026